**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**доктори илмҳои биологӣ, профессор**
**Давлатзода Сайфиддин Хайриддин**
**________________**
**«__22__» ___05___ соли 2023**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Масъалаи таҳлилу баррасӣ ва қиёсии воҳидҳои мухталифи наҳв яке аз масъалаи муҳими илми филология ба ҳисоб рафта, дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ накши асосӣ дорад. Дар баробари рушди ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалӣ миёни халқу давлатҳои гуногун забонҳо низ инкишоф меёбанд ва ба тағйирот дучор мешаванд.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ аз ин раванд истисно нестанд. Забони тоҷикӣ яке аз забони қадимтарин ва ғанӣ ба шумор меравад. Забони англисӣ низ яке аз забони серистеъмолтарини дунё аст. Аз ин рӯ, грамматика, имло ва захираи луғавии забони мавриди назар ҳамарӯза ба тағйироту навгониҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва дар баробари ин масъалаҳои гуногуни тарҷума ба миён меоянд.

Аз омӯзиши осори илмии роҷеъ ба ин масъала маълум мешавад, ки ибтидои баррасии масъалаҳои мухталифи наҳви забонҳои муқоисашаванда ҳанӯз аз давраи асрҳои миёна шурӯъ гардида, то ба имрӯз идома дорад. Аз солҳои панҷоҳуми садаи гузашта масъалаи таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ диққати

махсуси забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Пажӯҳиши ҷумлаҳои мураккабро ҳамчун воҳиди махсуси наҳв дар забоншиносии муқоисавӣ метавон яке аз масъалаҳои то ба ҳол пурра таҳқиқнаёфта шуморид.

Масъалаи таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб ва махсусан ҷумлаи пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари бадеӣ, ки аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бевосита тарҷума шудааст, имкон фароҳам меоварад, ки ҳолатҳои гуногуни ифодаҳои маъноии ҷумлаи пайрави ҳолро, ки то имрӯз амиқ гардидаанд, омӯхта шаванд ва дар ин замина тафовут ва умумиятҳо мушаххас гарданд. Махсусан, имконияти омӯзиши муқоисавии онҳо дар заминаи маводи мушаххас имкон фароҳам меоварад, ки ҷанбаҳои гуногуни онҳо ҳам аз ҷиҳати грамматикӣ ва ҳам аз нигоҳи ифода аз як забон ба забони дигар равшан шуда, хусусиятҳои фарқкунанда ошкор гарданд.

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши муқоисавии забонҳои гуногунсохтору гуногуннизом равона карда шудааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба ҷумлаҳои пайрави ҳол хеле назаррас мебошад ва онҳо зери таҳқиқи забоншиносони гуногуни соҳа дар забонҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Гарчанде ки омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар таҳқиқоти гуногуни забонҳои зикргардида ба назар расанд ҳам, онҳо дар доираи асарҳои мушаххас, махсусан аз лиҳози муқоисавӣ ва доираи корбаст то имрӯз омӯхта нашудаанд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур муқоисаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи тарҷумаи англисии асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ буда, дар баробари ин, таҳлили маъноии онҳо дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асари мазкур мебошад. Ба ин маънӣ, таъкид кардан зарур аст, ки дар раванди таҳқиқ танҳо ба ҳамон вижагиҳои сохториву маъноии ин анвои ҷумлаҳо таҳлил гузаронида шудааст, ки дар тарҷумаи асарҳои интихобшуда мавриди истифода қарор гирифтаанд ва хусусияти хос зоҳир намудаанд.

Ба сифати усулҳои асосии таҳқиқот асосан методи муқоисавӣ ва типологии таҳқиқот дар забоншиносӣ мавриди истифода қарор гирифта, инчунин, усулҳои таҳлили сохторӣ-семантикӣ барои мушаххас намудани ифодаҳои гуногуни маъноӣ дар ҷумла истифода шудааст.

Муқоисаи корбурди ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва таҳлили маъноии онҳо дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бевосита тарҷумашуда мебошад.

Дар таълифи диссертатсия аз нигоҳи назарӣ аз дастовардҳои илмӣ, принсипҳо ва усулҳое, ки донишмандони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин мавзуъ таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд, ба таври васеъ истифода карда шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия маълум сохт, ки рисолаи илмии Давлатов Назримад Муродзода аз муқаддима, се боб, хулосаву рӯйхати адабиёт иборат буда, 188 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар бобҳо ва зербобҳо масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ, доираи корбасти онҳо, тағйирпазирии хусусиятҳои маъноӣ ва тобишҳои иловагии маъноӣ ҳангоми тарҷума дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли асари бадеии «Ёддоштҳо» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулосаи диссертатсия ҷамъбасти фикру андешаҳо роҷеъ ба ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи пажӯҳиши мавзуи илмӣ, робитаи кор бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, коркарди мавзуъ, методҳо, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ»** ном дошта, сухан доираи омӯзиши онҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҷумлаи мураккаб ҳамчун воҳиди олиташаккули синтаксис, тасnifи

ҷумлаҳои пайрави забонҳои муқоисашаванда, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат дар созмони ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад. Инчунин, ҷумлаҳои пайрави ҳол, ки дар таркиби ҷумлаҳо аз асари бадеӣ вомехӯранд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, хусусиятҳои монандӣ ва тафовути онҳо мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Инчунин, таснифи хусусиятҳои хоси ифодаи ҷумлаҳои пайрав дар заминаи намунаҳо аз асари бадеӣ оварда шуда, таҳқиқи мушаххас ва натиҷаҳои амиқ пешниҳод шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибати забонҳои муқоисашаванда ҷумлаҳои пайрави замону макон (subordinate clause of time and place), сабабу мақсад (subordinate clause of cause and aim) ва шарту хилоф (subordinate clause of condition and concession) мансубанд, ки мавриди таҳқиқи илмии диссертант қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда, боби амалии кори илмӣ буда, он аз се фасл (ҳар фасли боби сеюм аз ду зерфасл) иборат мебошад, ки дар он хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат, ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар асари интихобшуда мавриди истифода ва тарҷума қарор гирифтаанд, таҳқиқ ва таҳлил шудаанд

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ифода намудааст, ки дар ҷумлаҳои пайрави ҳоли ин забонҳо хусусиятҳои махсуси сохториву грамматикӣ ва луғавиву маъноӣ ҳифз гардидааст, ки ба ҳайси намуна аз гузаштаи дури забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар мавриди вижагиҳои

сохториву маънои ин забонҳо метавон маълумоти дақиқе фароҳам овард.

Давлатов Назримад Муродзода қайд намудааст, ки таҳлили муқоисавӣ-типологии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ се марҳиларо фаро мегирад. Дар марҳилаи нахуст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ новобаста ба маънои дар ҷумлаи пайрав доштаашон дар ҳар кадом забонҳои қиёсшаванда ба намудҳои зерини ҷумлаҳои пайрав тақсим шуданд: 1) макон; 2) замон; 3) тарзи амал; 4) сабаб; 5) мақсад; 6) натиҷа; 7) хилоф; 8) шарт. Дар марҳилаи дуюми таҳлил, ҳар яке аз намудҳои ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои қиёсшаванда ба таври алоҳида ва вижагиҳои сохториву грамматикӣ ва сохториву маънои мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтанд. Дар марҳилаи сеюми таҳлил, вижагиҳои сохториву грамматикӣ ва сохториву маънои ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои фавқуззикр мавриди муқоисаву муқобала қарор гирифта, вижагиҳои шабоҳатнокиву тавофути онҳо муайян гардиданд

Ҳамин тариқ, диссертант Давлатов Назримад Муродзода вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл кардааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва ба мавзуъ алоқамандро мутолиа намудааст.

Чунон ки аз диссертатсия ва автореферат маълум гардид, муаллиф нукоти асосӣ ва хулосаҳои рисолаи хешро дар 15 мақолаи илмӣ инъикос кардааст, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи илмии Давлатов Назримад Муродзода кори ба анҷом расида, пурмуҳтаво, дорои навгониҳои илмист, аммо дар он баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, аз ҷумла:

1. Агар ҷумлаҳои пайрави монандии забони англисӣ, ки ба сифати мисол оварда шудаанд, мавриди таҳлил қарор мегирифтанд, арзиши корро боло мебурд.

2. Агар муаллиф дар охири рисола ҳамаи ҷумлаҳои пайрави ҳоли таҳлилнамудаи худро бо ду забон дар шакли замима дар охири рисола ҷой медод хуб мебуд.

3. Ҳангоми баррасии ҷумлаи пайрави ҳоли натиҷа, муаллиф ба тобишҳои маъноӣ дучор гардидани ин намуди ҷумлаи пайрави ҳолро шарҳу тавзеҳ надодааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ роҳ ёфтаанд (с. 4, 10, 26, 27 ва ғ.).

5. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (с. 8, 12, 13, 20, 25, 27 ва ғ.) ҷумлаҳои таҳрирталаб ҷой доранд.

Дар умум камбудӣ ва эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№10 аз 18.05.2023** тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор - 13 нафар, «зид» -нест, «бетараф» -нест.

**Раиси ҷаласа**:
мудири кафедраи назария
ва типологияи забони англисӣ
факултети забони англисии МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ Олматова Шарофат Сафаралиевна

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисӣ
факултети забони англисии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Фатҳуллоев Икромуддин Баротович

**Котиби ҷаласа:** Янгибоева Дилноза Бегмаҳмадовна

Имзои Ш.С. Олматова, И.Б. Фатҳуллоев
ва Д.Б. Янгибоевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

«18» майи соли 2023.

**Суроға:** ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (+992-32-22), 2-45-20, 2-22-53, 2-54-81.
Email: bgu78@mail.ru, web-сайт: www.bgu.edu.tj
Телефон: 903-30-08-88;
Email: shahlojun@list.ru.